# СОЗИШНОМА
## байни Девони Вазирони Украина ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳимояи мутақобилаи сармоягузориҳо

Девони Вазирони Украина ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минбаъд "Тарафҳои Аҳдкунанда" номида мешаванд,

ба хотири фароҳам овардани шароит ҷиҳати тавсеаи ҳамкории иқтисодӣ байни Тарафҳои Аҳдкунанда,

бо нияти муҳайё сохтани шароити мусоиди сармоягузориҳои мутақобила ва дастгирии он,

бо эътирофи он, ки ҷалб ва ҳимояи мутақобилаи сармоягузориҳо ба таҳкими фаъолияти соҳибкорӣ ва афзоиши назарраси саҳм барои рушди муносибатҳои иқтисодӣ байни Тарафҳои Аҳдкунанда мусоидат мекунад,

ба мувофиқаи зайл расиданд:

### МОДДАИ 1
### МАФҲУМҲО

Барои мақсадҳои Созишномаи мазкур истилоҳоти зерин барои чунин маъно мебошанд:

1. Истилоҳи "сармоя" аз ҷумла ҳама гуна арзишҳои амволӣ ва зеҳниро, ки як Тарафи Аҳдкунанда ба Тарафи дигари Аҳдкунанда тибқи қонунгузории миллии он вогузор намудааст, дар бар гирифта, вале истисноӣ намебошад:

а) амволи манқул ва ғайриманқул (бино, иншоот, таҷҳизот ва дигар арзишҳои моддӣ) ва ҳама гуна ҳуқуқҳои дигари амволии вобаста ба он, ба монанди байъи ҷоиз (ипотека), ҳуқуқи гарав, инчунин таъминоти вобаста ба қарз ва ғайра;

б) маблағҳои пулӣ, вомбаргҳо, саҳмҳо ва дигар коғазҳои қиматнок;

в) талаботи пулӣ ва ҳуқуқ ба талаби иҷро, ӯҳдадориҳои шартномавӣ;

г) ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла ҳуқуқи муаллифӣ, ихтироъ, патентҳо, лоиҳа ва намунаҳои саноатӣ, аломатҳои мол, нишонаҳои хизматрасонӣ, зикри маҳали баромади мол, технологияи «ноу-хау» ва ғайра.

д ) ҳуқуқ барои анҷом додани фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба консессия, ки дар кашф, коркард, истихроҷ ё истифодаи

захираҳои табиӣ, дигар объектҳои истифода инъикос гардидааст тибқи қонунгузорӣ ё шартнома гирифта шудааст.

2. Истилоҳи «сармоягузори Тарафи Аҳдкунанда» дорои маънои зайл мебошад:

а) ҳама гуна шахси воқеие, ки шаҳрванди давлати Тарафи Аҳдкунанда мебошад ва ҳуқуқ дорад тибқи қонунгузории он дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар сармоягузориро анҷом диҳад;

б) ҳама гуна шахси ҳуқуқие, ки тибқи қонунгузории ҷории яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда таъсис ёфта, дар қаламрави он воқеъ гардидааст ва тибқи қонунгузории он ҳуқуқ дорад дар қаламрави дигар Тарафи Аҳдкунанда сармоягузориро анҷом диҳад;

3. Истилоҳи «даромад» маънои маблағеро дорад, ки тавассути сармоягузорӣ, аз ҷумла фоида, дивиденд, фоиз, ҳаққи муаллифӣ, пардохт барои литсензия, патент, подошҳои коммисионӣ ва дигар подошҳо ба даст омадааст.

4. Истилоҳи «қаламрав» майдонест, ки бо сарҳадоти заминӣ ва обӣ фаро гирифта шуда, инчунин ҳудуди баҳр, зери баҳр ва қаъри онро дар бар мегирад ва он берун аз обҳои сарҳадӣ қарор дошта, минтақаи истисноии (баҳрӣ) иқтисодӣ мебшад, ки дар онҳо Тарафи Аҳдкунанда ҳуқуқҳои мустақили худ ва ҳалли масъалаҳои ҳуқуқиро тибқи қонун ва қоидаҳои худ ва ҳуқуқи байналмилалӣ анҷом медиҳад.

5. Қонунгузорӣ нисбат ба ҳар кадом Тарафи Аҳдкунанда маънои қонунгузории ҳамон давлати дахлдори Тарафи Аҳдкунандаро дорад.

6. Реквизитсия - маънои аз ҷониби мақомоти ҳокимияти як Тарафи Аҳдкунанда ба манфиати давлат ё ҷамъият мусодира кардани як қисм ё ҳамаи сармояи сармоягузори дигар Тарафи Аҳдкунандаро бо мақсади анҷом додани тадбирҳои (корҳои) наҷотбахшӣ ҳангоми офатҳои табиӣ, садама, эпидемия, эпизоотия дорад. Реквизитсия метавонад тибқи қонунгузории Тарафҳои Аҳдкунанда дар асоси қарори мақомоти ваколатдори Тарафи Аҳдкунанда анҷом дода шавад.

**МОДДАИ 2**
**ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ ВА ҲИМОЯИ САРМОЯҲО**

1. Ҳар кадоме аз Тарафҳои Аҳдкунанда сармоягузори Тарафи дигари Аҳдкунандаро барои татбиқи сармоягузориҳо дар қаламрави худ ҳавасманд намуда, мувофиқи қонунгузории худ ба чунин сармоягузориҳо иҷозат медиҳад.

2. Ҳар кадоме аз Тарафҳои Аҳдкунанда мувофиқи қонунгузории худ ҳимояи пурра ва бечунучарои ҳуқуқии сармояи

сармоягузорони дигар Тарафи Аҳдкунандаро мутобиқи ҳамин Созишнома кафолат медиҳад.

Ҳамин нукта бе зиён ба муқаррароти банди 1 ҳамин Модда нисбат ба ҳамаи даромаде, ки метавонад дар натиҷаи реинвеститсияи чунин даромад ба даст ояд, дахл дорад. Тавсеа, тағйирёбӣ ё трансформатсияи сармояҳо, ки дар доираи қонун анҷом дода шудаанд, наметавонад ҳамчун сармоя ба хусусияти он таъсир расонад.

**МОДДАИ 3**
**НИЗОМИ МИЛЛИИ САРМОЯГУЗОРИҲО**

1. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда дар қаламрави худ нисбат ба сармояҳои аз ҷониби сармоягузорони Тарафи дигари Аҳдкунанда анҷомдодашуда ва фаъолияти онҳо вобаста ба сармоягузорӣ низоми на камтар мусоидтар аз низоми барои сармоягузорони худ ё сармоягузорони давлати сеюм фароҳамовардаро муҳайё мекунад, ки истифодаи тадбирҳои дорои хусусияти поймолкунандаи ҳуқуқро, ки ба идора ва ихтиёрдории сармояҳо халал мерасонад, истисно намояд.

2. Ҳар яке аз Тарафи Аҳдкунанда ҳуқуқи худро дар мавриди муайян намудани соҳа ва доираи фаъолият, ки дар онҳо фаъолияти сармоягузрони хориҷӣ истисно ё маҳдуд карда мешавад, нигоҳ медорад.

3. Низоми мусоидати бештар, ки мутобиқи банди 1 ҳамин Модда фароҳам оварда мешавад, нисбат ба имтиёзоте, ки Тарафҳои Аҳдкунанда метавонанд муҳайё кунанд ё минбаъд муҳайё созанд, татбиқ намегардад:

а) вобаста ба иштирок дар минтақаи савдои озод, иттиҳоди иқтисодӣ ё гумрукӣ, иттиҳоди монетарӣ ё чунин созишномаи байналмилалӣ, ки чунин иттиҳодияҳоро муқаррар менамояд, ё дигар навъи ҳамкориҳои минтақавӣ, ки ҳар яке аз Тарафи Аҳдкунанда иштирокчии он мебошад ё метавонад иштирокчии он шавад;

б) дар асоси созишнома оиди пешгири кардани андозбандии дукарата ё дигар мувофиқаҳо оид ба масъалаҳои андозбандӣ.

**МОДДАИ 4**
**ҶУБРОНИ ЗИЁН**

1. Ба сармоягузорони як Тарафи Аҳдкунанда, ки дар қаламрави дигар Тарафи Аҳдкунанда сармоягузориро анҷом дода, дар натиҷаи ҷанг ё муқовимати мусаллаҳона, вазъияти фавқулоддаи миллӣ, табодулоти давлатӣ, ошӯб ё дигар чунин вазъият дар қаламрави дигар Тарафи Аҳдкунанда зарар дидаанд, Тарафи Аҳдкунандаи

охирин низоми барқарорсозӣ, пардохти ҷуброни зарар ё роҳи ҳалли дигаре фароҳам меоварад, ки на камтар мусоидтар аз низоми ба сармоягузорони ягон давлати сеюм муҳайёсохтаи Тарафи Аҳдкунандаи охирин мебошад.

Пардохтҳо вобаста ба асосҳои зикршуда бетаъхир сурат мегирад ва гузаронида мешавад.

2. Ба шартҳои банди 1 ҳамин Модда мухолифат нанамуда, ба сармоягузорони яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, ки дар натиҷаи ягон намуди ҳолатҳои дар ҳамин банд зикршуда дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар дар натиҷаҳои зайл зарар мебинанд:

а) реквизитсияи моликияти онҳо аз ҷониби қувваҳо ё ҳокимияти Тарафи дигари Аҳдкунанда, ё

б) вайрон кардани моликияти онҳо аз ҷониби қувваҳо ё ҳокимияти Тарафи дигари Аҳдкунанда, ки бо сабаби ғайринизомӣ ба миён омадааст ё тибқи вазъи дахлдор тақозо нагардидааст;

в) зиёни моддӣ ва маънавӣ дар натиҷаи фаъолият ё бефаъолиятӣ ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, ашхоси мансабдор нисбат ба сармоягузори хориҷӣ, корхона бо сармояи хориҷӣ, тибқи қонунгузории Тарафи Аҳдкунанда,

реститутсияи зарурӣ ё ҷуброни ҳамшабеҳ фароҳам оварда мешавад. Пардохтҳо вобаста ба асосҳои зикршуда бетаъхир сурат мегирад ва гузаронида мешавад.

**МОДДАИ 5**
**МУСОДИРА (ЭКСПРОПРИАТСИЯ)**

1. Сармоягузории сармоягузорони яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, ки дар қаламрави Тарафи дигари Аҳдкунанда сурат мегирад, таҳти мусодира, милликунонӣ ё дигар чораҳои бо мусодира муодил (минбаъд - мусодира) қарор дода намешавад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки чунин тадбирҳо барои манфиати ҷомеа, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ сурат гирифта, дорои хусусияти поймолкунандаи ҳуқуқ намебошад ва бо ҷуброни фаврии ҳамшабеҳ ва судманд анҷом мепазирад.

2. Маблағи ҷуброн дар лаҳзаи мусодираи сармоя ё ҳангоме, ки дар мавриди мусодира ё хатари таҳдиди он расман маълум гардид, вобаста ба он ки чӣ пештар рух додааст, дар асоси арзиши ҷории бозорӣ ва/ё арзёбии асосноки аз тарафи аудитор ё фирмаи аудиторӣ тасдиқшуда, бе таъхири беасос сурат гирифта, аз қаламрави як Тарафи Аҳдкунанда ба қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар бо асъоре, ки сармоягузорӣ сурат гирифта буд ё дигар асъори барои сармоягузор қобили қабул, бо ҳисоб кардани фоизҳо тибқи ставкаи

LIBOR ба маблағи ҷуброн аз лаҳзаи ба миён омадани ҳуқуқ ба чунин ҷуброн то лаҳзаи пардохти он гузаронида мешавад.

## МОДДАИ 6
## МАБЛАҒГУЗОРОНӢ

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ба сармоягузорони Тарафи дигари Аҳдкунанда баъди аз ҷониби онҳо иҷро намудани ҳамаи ӯҳдадориҳои молиявӣ тибқи қонунгузориҳои ҷорӣ оид ба андоз, боҷ (пардохтҳои ҳатмӣ) ҳар як Тарафи Аҳдкунанда бе монеа ба хориҷа интиқол додани пардохтҳоро ба асъори сармоягузорӣ ё дигар асъори барои сармоягузор қобили қабул вобаста ба сармоягузорӣ кафолат медиҳад, аз ҷумла:

а) маблағҳои сармоягузории ибтидоӣ ва маблағҳои иловагӣ барои дастгирӣ ва афзун намудани сармоя;

б) даромад;

в) маблағҳое, ки аз ҷониби сармоягузор вобаста ба татбиқи қисман ё пурраи (барҳамдиҳӣ ё фурӯши) сармоя гирифтааст;

г) маблағҳо аз баргардонидани қарзҳо ( вомбаргҳо) дар асоси сармоягузорӣ;

д) маблағи ҷуброне, ки дар Моддаи 4 ва 5 ҳамин Созишнома зикр шудааст.

2. Интиқоли пардохт бе таъхир, бо асъори қобили табодули озод, тибқи қурби асъор, ки дар лаҳзаи гузаронидан мутобиқи қонунгузорӣ оид ба танзими асъор ба ҳамон Тарафи Аҳдкунанда, ки дар қаламрави он сармоягузорӣ сурат гирифтааст, анҷом дода мешавад.

## МОДДАИ 7
## СУБРОГАТСИЯ

Тарафи Аҳдкунанда ё мақоми ваколатдорнамудаи он, ки ба сармоягузор пардохтро дар асоси кафолат аз хавфҳои ғайритиҷоратӣ вобаста ба сармоягузории он дар қаламрави дигар Тарафи Аҳдкунанда анҷом медиҳад, метавонад дар асоси суброгатсия ҳуқуқи сармоягузорро дар ҳамон ҳаҷме, ки сармоягузор иҷро мекунад, амалӣ намояд. Чунин хукукхо дар асоси конунгузории Тарафи Ахдкунандаи охирон ичро хоханд гардид.

1. Агар як Тарафи Аҳдкунанда ё мақоми ваколатдорнамудаи он пардохтро ба сармоягузор дар асоси кафолат, ки вобаста ба сармоягузории он дар қаламрави дигар Тарафи Аҳдкунанда сурат гирифтааст, анҷом диҳад, Тарафи дигари Аҳдкунанда эътироф менамояд:

а) тибқи қонун ё мутобиқи трансаксияи ҳуқуқӣ интиқол додани ҳама гуна ҳуқуқ ва талаботи сармоягузори Тарафи Аҳдкунандаи якум ё мақоми ваколатдорнамудаи он, ва

б) Тарафи Аҳдкунандаи якум ё мақоми ваколатдорнамудаи он дар натиҷаи суброгатсия ҳуқуқ пайдо намуд, ки ҳуқуқи сармоягузор ё татбиқи талаботи ӯро анҷом диҳад ва ӯҳдадориҳои марбут ба сармояҳоро ба зиммаи худ гирад.

2. Ҳуқуқҳои суброгатсияшуда ё талаботи сармоягузор аз ҳуқуқҳои ибтидоӣ вобаста ба амвол ё талаботи сармоягузор бештар нахоҳад буд.

3. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои суброгатсияшудаи сармоягузори сугурташуда ҳамчунин ба интиқоли пардохтҳое, ки тибқи Моддаи 6 ҳамин Созишнома анҷом дода мешавад, тааллуқ дорад.

## МОДДАИ 8.
## ТАНЗИМИ БАҲСҲО БАЙНИ ТАРАФҲОИ АҲДКУНАНДА

Баҳсҳои байни Тарафҳои Аҳдкунанда вобаста ба тавзеҳ ё истифодаи ҳамин Созишнома бо роҳи гуфтушуниди байни Тарафҳои Аҳдкунанда ҳал карда мешаванд.

2. Агар бо чунин усул баҳсҳо байни Тарафҳои Аҳдкунанда дар давоми шаш (6) моҳ аз лаҳзаи ба таври хаттӣ огоҳ намудани ба миён омадани баҳс ҳал нагардад, дар ин сурат бо талаби ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда он ҷиҳати баррасӣ ба Суди ҳакамӣ ирсол мегардад.

3. Суди ҳакамӣ, ки дар банди 2 ҳамин Модда зикр гардидааст, дар асоси **ad hoc** барои ҳар як ҳолати инфиродӣ ба таври зайл таъсис дода мешавад: дар давоми ду моҳи баъди гирифтани мурочиати хаттӣ дар бораи арбитраж ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда як нафарӣ аъзои ин судро таъин менамоянд. Дар чараёни ду моҳ ҳар ду аъзо бо мувофиқаи муштарак ҳакамӣ сеюм- шаҳрванди давлати сеюмро интихоб менамоянд, ки пас аз пазируфтани Тарафҳои Аҳдкунанда Раиси суд таъин мегардад.

4. Агар дар тӯли мӯҳлатҳои муайяннамудаи банди 3 ҳамин Модда таъинот сурат нагирад, ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда метавонад ҳангоми мавҷуд набудани мувофиқаи дигар Раиси суди байналмилалии СММ-ро (International Court Justice) даъват кунад, то ки таъиноти заруриро анҷом диҳад. Агар Раис шаҳрванди яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда бошад ё агар дигар сабабҳо ба ӯ ҷиҳати иҷрои вазифаи зикргардида халал расонанд, таъинотро бояд муовини Раис анҷом диҳад. Агар ошкор гардад, ки муовини Раис низ шаҳрванди яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда мебошад ё он ҳам наметавонад вазифаи зикргардидаро анҷом диҳад, вобаста ба мақоми худ аъзои суди

байналмилалии СММ, ки шаҳрванди ҳеҷ яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда намебошад, бояд таъиноти зарурииро анҷом диҳад.

5. Суди ҳакамӣ қарорҳои худро дар асоси муқаррароти ҳамин Созишнома, инчунин дар асоси меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ қабул мекунад. Суди ҳакамӣ қарорҳои худро бо аксарияти овоз қабул мекунад. Қарорҳои он дорои хусусияти ниҳоӣ буда, барои ҳарду Тарафи Аҳдкунанда ҳатмӣ мебошанд. Суди ҳакамӣ расмиёти хусусии худро муқаррар менамояд.

6. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда нисбати аъзоёни худии суд ва намояндагони худ дар муҳокимаи ҳакамӣ хароҷотро ба ӯҳда доранд. Хароҷоти вобаста ба Раис ва дигар хароҷотро ҳар ду Тарафи Аҳдкунанда баробар ба ҷо меоранд. Дар айни замон суд метавонад бо қарори худ дигар тарзи тақсими хароҷотро муайян намояд.

## МОДДАИ 9.
## Ҳалли баҳсҳо байни Тарафҳои Аҳдкунанда ва сармоягузори дигар Тарафи Аҳдкунанда

1. Баҳсҳо байни сармоягузори як Тарафи Аҳдкунанда ва Тарафи дигари Аҳдкунанда вобаста ба сармоягузориҳое, ки аз ҷониби сармоягузорони Тарафи якуми Аҳдкунанда анҷом дода шудаанд, ҳаддалимкон бояд бо роҳи гуфтушунид ҳал карда шаванд.

2. Агар баҳсҳои дар банди 1 ҳамин Модда зикргардида дар ҷараёни шаш моҳ бо усули гуфтушунид ҳал нагарданд, ҳар ду Тарафи баҳс метавонанд онро ҷиҳати баррасӣ ба Суди ваколатдори Тарафи Аҳдкунандае, ки Тарафи баҳс мебошад, пешниҳод намоянд.

3. Бар ивази татбиқи банди 2 ҳамин Созишнома сармоягузори ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда метавонад баҳсро барои ҳалли ҳакамӣ пешниҳод намояд:

а) **ad hoc** ба суди ҳакамӣ мутобиқи Қоидаҳои Арбитражии Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи тиҷорати байналмилалӣ (ЮНСИТРАЛ);

б) ба Маркази байналмилалӣ оид ба ҳалли баҳсҳо ҷиҳати сармоягузорӣ, ки мутобиқи Конвенсия оид ба ҳалли баҳсҳои сармоягузорӣ байни давлатҳо ва шаҳрвандони дигар давлатҳо таъсис ёфтааст ва дар ш.Вашингтон, ҳавзаи Колумбия 18 марти соли 1965, ба имзо расидаасту барои ҳамроҳ шудан ба он кушода мебошад (Конвенсияи ICSID), дар сурате, ки агар ҳар ду Тарафҳои Аҳдкунанда аъзои ин Конвенсия гардида бошанд.

4. Қарори Суди ҳакамӣ барои ҳар Тарафи баҳс ниҳоӣ ва ҳатмӣ мебошад; он мутобиқи қонунҳо ва қоидаҳои Тарафҳои Аҳдкунанда анҷом дода мешавад.

## МОДДАИ 10.
## ТАТБИҚИ ДИГАР ҚОИДАҲО

Агар муқаррароти қонунгузории ҳама гуна аз Тарафҳои Аҳдкунанда ё ӯҳдадориҳо мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар айни замон мавҷуданд ё минбаъд байни Тарафҳои Аҳдкунанда иловатан ба Созишномаи мазкур қабул мегарданд дорои қоидаҳои умумӣ, ҳамчунин махсусе бошанд, ки ба сармояи сармоягузорони Тарафи дигари Аҳдкунанда нисбат ба муқаррароти дар ин Созишнома пешбингардида низоми мусоидтар фароҳам оваранд, чунин қоидаҳо аз муқаррароти ҳамин Созишнома ба он дараҷае, ки нисбатан мусоидтаранд, афзалият доранд.

## МОДДАИ 11.
## МУНОСИБАТ БАЙНИ ТАРАФҲОИ АҲДКУНАНДА

Намояндагони Тарафҳои Аҳдкунанда дар сурати зарурат вобаста ба масъалаҳои марбут ба Созишномаи мазкур машваратҳо доир менамоянд. Машваратҳо бо пешниҳоди яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда дар муҳлат ва маҳалле, ки тавассути роҳҳои дипломатӣ мувофиқат кунонида шудаанд, сурат мегирад.

## МОДДАИ 12.
## ТАТБИҚИ СОЗИШНОМА

Созишномаи мазкур нисбат ба ҳамагуна сармоягузориҳое, ки аз ҷониби сармоягузорони яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда дар қаламрави дигар Тарафи Аҳдкунанда анҷом дода шудаанд пас аз эътибор пайдо кардани ин Созишнома, татбиқ мегардад.

Ба Созишномаи мазкур бо мувофиқаи муштараки Тарафҳои Аҳдкунанда тағйироту иловаҳо ворид кардан мумкин аст, ки онҳо бо протоколҳои дахлдор ба расмият даровaward шуда, қисми ҷудонопазири ин Созишнома ба ҳисоб мераванд ва пас аз ҷониби ҳар кадоме аз Тарафҳои Аҳдкунанда ба таври хаттӣ огоҳ намудани дигар Тарафи Аҳдкунанда оиди иҷрои расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани чунин тағйирот заруранд, эътибор пайдо мекунанд.

Тарафҳои Аҳдкунанда дар ҳолати зарурӣ барои андешидани чораҳои муайян нисбати дар амал татбиқ намудани Созишномаи мазкур ва тайёр намудани тавсияҳо оиди ҳамкориҳои мутақобила, метавонанд комиссияи муштарак созмон диҳанд.

**МОДДАИ 13.**
**ЭЪТИБОР ПАЙДО НАМУДАН, ДАВОМНОКӢ**
**ВА ҚАТЪӢ АМАЛ**

1. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда дигар Тарафи Аҳдкунандаро дар шакли хаттӣ, тавассути роҳҳои дипломатӣ оиди аз ҷониби он иҷро намудани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо намудани ин Созишнома заруранд, огоҳ менамояд. Созишнома аз рӯзи огоҳиномаи охирини хаттӣ эътибор пайдо мекунад.

2. Созишномаи мазкур ба мӯлати даҳ сол баста шуда, худ аз худ ба давраи панҷсолаҳои минбаъда тамдид мегардад, агар ҳеҷ яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда дар мӯҳлати 12 моҳи пеш аз гузаштани мӯҳлати дахлдор дигар Тарафи Аҳдкунандаро оид ба нияти худ ҷиҳати қатъ гардонида Созишномаи мазкур хаттӣ огоҳ нанамояд.

3. Нисбати сармоягузориҳое, ки то лаҳзаи қатъи амали ин Созишнома анҷом дода шудаанд, муқаррароти Моддаҳои 1-12 дар давоми даҳ соли минбаъдае, ки аз рӯзи қатъи амали ин Созишнома ҳисоб карда мешаванд, эътибор доранд.

4. Созишнома дар шаҳри__________ « » ______ соли 2001 дар ду нусха, ҳар кадом ба забони украинӣ, тоҷикӣ ва русӣ ба имзо расидааст ва ҳамаи матнҳо дорои эътибори якхела мебошанд. Дар сурати тафсири мухталифи матни Созишномаи мазкур Тарафҳои Аҳдкунанда ба матни забони русӣ муроҷиат хоҳанд кард.

| | |
|---|---|
| **АЗ ҶОНИБИ ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ УКРАИНА** | **АЗ ҶОНИБИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** |